**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ДИН

**дар синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Душанбе**
**2015**

**Барномаи таълими фанни «ТАЪРИХИ ДИН» дар синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** Душанбе – 2015, 24 саҳ.

ТАРТИБДИҲАНДАГОН: Ш. Абдуллоев
М. Музаффарӣ
Ғ. Мирзоев

**Мавзӯи 1. Муқаддима. Фанни «Таърихи дин» ва вазифаҳои он (1 соат)**

**<u>1.Доираи мавзӯъ ва вазифаҳои фанни «Таърихи дин</u>**»; зермавзӯъҳои он; *“Таърихи дин” чун қисмати таркибии диншиносӣ ба омӯхтани сабабу омилҳои пайдоиш, таҳаввули мазмуну мундариҷаи дин ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ, маросими динҳо ва усули таълимоти динҳо муайян шудааст.*

*Масъалаи омӯзиши* таърихи динҳо ҳанӯз аз *давраи атиқа оғоз шуда, дар асрҳои миёна ва давраи нав идома меёбад.*

*Омӯзиши “Таърихи динҳо” дар асрҳои миёна; нақши мутафаккирони исломӣ дар омӯхтани таърихи динҳо, пайдоиши самти нави таърихи дин, бидъатшиносӣ, фирқашиносӣ ва пайдоиши як қатор рисолаҳо ва китобҳо.*

Робитаи “Таърихи дин” бо дигар фанҳои ҷамъиятӣ: таърих, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, ахлоқ, фалсафа, адабиёт, санъат ва ғайра; аҳамияти доштани дониши кофӣ дар ин замина барои дурусту аниқ фаҳмидани ин соҳаҳои диншиносӣ.

**Мавзӯи 2. Дин ҳамчун падидаи таърихиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ** (1 соат)

**<u>Пайдоиши дин</u>**: усулҳои муайян намудани диндории халқҳои гузашта; нақши илмҳои мардумшиносӣ (этнография), бостоншиносӣ (археология), забоншиносӣ (лингвистика) дар шинохти пайдоиш ва таҳаввули динҳо. Давраи «бедини»-и қабл аз таърихӣ (аз 2 миллион сол то 100 ҳазор сол пеш); ҷонварони шабеҳи одам -инсонгунаи ибтидоӣ: *питекантропҳо, архатропҳо, полиантропҳо ва неоантропҳо.* Шароити ташаккулёби*(аз қувва-имкон ба феъл омадани) - и инсони оқил (аз100 – 40 ҳазор сол пеш) ва пайдоиши инсони диндор (40-25 ҳазор сол пеш*). Оғози давраи сангӣ (ҳаҷар–палеолит) ва пайдоиши нахустин одамони оқил ва диндор: *кроманионҳо, неандарталҳо, синантропҳо* ва нишонаҳои диндории онҳо: *тарзи гӯронидан, осори наққошии ғорҳо, осори санъат* ва ғайра.

**Мавзӯи 3. Динҳои ибтидоӣ (1 соат)**

Пайдоиши динҳои табиӣ (ибтидоӣ). Хусусиятҳои динҳои табиӣ: *фетишистӣ-(чизпарастӣ), тотемистӣ(-оинҳои авлодии ҳайвон ва ҷонварпарастӣ), анимистӣ(рӯҳпарастӣ), магия(сеҳру ҷоду), шаманӣ (афсунгарӣ).* Боқимондаи динҳои табиӣ дар динҳои муосир ва ҳаёти халқҳои ақибмонда. Таҳқиқотҳои мардумшиносону диншиносон аз қабили Э.Тейлор, Ҷ.Фрейзер ва ғайра дар мавриди динҳои ибтидоӣ. Боқимондаҳои динҳои гузашта дар замони ҳозира.

**4. Парастишҳои қадимаи мардумони эронӣ.**
**Оини меҳрпарастӣ (митраизм) (1 соат)**

Меҳрпарастӣ чун аввалин дини ориёӣ –эронии баркамол, ки ба сатҳи дину бовариҳои фаромарзии эронӣ расида, дар саросари империяи Рум ва дар Шарқ то Чину Тибет интишор ёфта буд. Нишонаҳои тотемистӣ дар оини меҳрпарастӣ. Таҳаввули меҳрпарастӣ аз дини табиӣ то оини парастиши Меҳр-Хуршед ҳамчун нишонаи қудрат ва худои ҷанг, оламгир шудан ва рақобати он бо масеҳият. Парастиши меҳр дар манотиқи Қафқоз, Осиёи Хурд ва Рум. Ибодатгоҳҳои меҳрпарастӣ ва маросимҳои он.

**Мавзӯи 5. Дини мисриёни қадим (1 соат)**

***<u>Эътиқоди мисриёни қадим:</u>*** маълумоти умумӣ дар бораи тамаддунҳои куҳан. Пайдоиши тамаддуни мисрӣ ва ҳокимияти фиръавнҳо; салтанати қадим (асри 30-22 то мелод), миёна(асри 22-16 то мелод), нав (асри 16-8. то мелод), навтарин (асри 8-3 то мелод). ***Вазъи фарҳангу ахлоқ***: пайдоиши хатҳо, шаҳрсозӣ ва аҳрому маъбадҳо. Қадимтарин навъи дин ва мазҳаби Мисри Қадим. Заминаи иҷтимоию табиии бисёрхудоӣ дар Миср. Парастишҳо - тотемҳои асосии мисриён. Устураи космологии худоён *Ҷеб, Нут ва Шу* оид ба пайдоиши Замину осмон, Изис ва Осирис. Маҷмӯи худоёни нӯҳгонаи мисриён: *Ра (ё Раъ),Шу (ё Су),Тефтун, Ҷеб, Нут, Озирис(ё Азирис), Изис, Сит, Нифтис. Парастиши худоёни дигар чун: Амон, Анибус, Атон, Гор, Исида, Патоҳ,Себек,*

*Сет, Тот, Хатор, Хнум.* Парастиши Офтоб ва рамзи он Скарабей-гамбусаки ахлотхор. ***Боварӣ ба ҳаёти пас аз марг***; ба вуҷуди ду навъ рӯҳ: *Ба (ё Баъ*) ва *Ка (ё Каъ).* Мӯмиё кардани майит ва сохтани аҳромҳо ва сабаби ин корҳо. Муҳаррамот ва талаботи ахлоқӣ-иҷтимоӣ. Кушиши фиръавн Эхнатун-Амонҳатепи II барои ҷорӣ намудани яктопарастӣ (тавҳид).

**Мавзӯи 6. Дини бобулиёни қадим (1 соат)**

***Дини бобулиёни қадим.*** Тамаддуни бобулӣ ба маънии васеъ-шомили ҳамаи тамаддунҳои Шарқи Наздик: *шумерӣ, ассурӣ, аккодӣ ва канъонӣ.* Байнаннаҳрайн (Месопотамия) - қадимтарин (5300-4000 сол пеш аз мелод) ҳавзаи тамаддуни инсоният. Шаҳрсозӣ, маъбадҳо ва бурҷҳои бобилӣ. Ривоят дар бораи сабаби бунёди бурҷи Бобул ( ё Бобил) дар сарчашмаҳои насронӣ ва исломӣ. Пайдоиши хат, илмҳои риёзиву ситорашиносӣ, қонунгузорӣ (аввалин Сарқонуни инсоният-Қонуни Хамурап). Нахуст анҷуман (понтеон)–и худоён дар Бобул. Маъруфтарин худоён ва олиҳаҳои бобулӣ (***Ану, Инҳил, Син, Бобар (Шамс), Энкӣ (Ниптун***). Мақоми Иштар ва Мардух (ё Мадрук)-худои давлати Бобул дар дини бобулӣ. Эътиқод ба **Шамус (Шамс-арб.)** худои офтоб, ***Син-худои Моҳ ва Иштар -*** худои ҳосилхезӣ ва бороварӣ. Боварии бобулиҳо ва ассуриён ба худои Ашшуро ва шабоҳати он бо худои зардуштия Аҳуро-маздо. Ҳамосаи Гилгамеш. Асотири бобулӣ оид ба «Оби азоб»- (тӯфони Нӯҳ).

**Мавзӯи 7. Дини Юнони қадим (1 соат)**

***Дини Юнони қадим:*** Сарчашмаҳои асосӣ: бозёфтҳои археологӣ, осори маъбадҳо, тасвир ва муҷассамаи худоён; ёдгориҳои хаттӣ. ***«Илиада» ва «Одиссея»-и Ҳомер (наз. ба а. 1Х-У111 т.м), «Метоморфоза»-и шоири румӣ Овидия, осори лирикии Алкман, Стесихор, Ивик, Пиндар; фоҷеаномаҳои Эсхил, Софокл, Еврипид; осори муаррихон ва файласуфон Ҳеродот, Фукидид, Плутарх, Ксенофонт, Афлотун, Арасту ва хатиби машҳури румӣ Ситсерон.***

Ду давраи тамаддуни юнонӣ: тоориёӣ - осори тамаддуни куҳани “минову микеӣ” дар ҷазираи Крит ва ориёӣ ҳамзамон бо воридшавии мардуми ориёӣ -ҳеленҳо аз шимолу шарқи нимҷазираи Балкан дар ҳазораи дувуми т.м. Дини юнониён бисёрхудоии ташаккулёфта то сатҳи «анҷумани худоён». Шабоҳатҳо ва умумияти тасаввуроти динии юнониён бо тасаввуроти дигар халқҳои ориёӣ: шабоҳати ***Девпитер (ҳамон Девпедери ҳинду ориёнӣ)- падари осмон бо Деметер худои модарзамин ва Зевус (ҳамон Деваси ҳинду ориёнӣ);*** одати дигари умумиориёнӣ нӯшидани нӯшобаи сархушкунанда пеш ва баъд аз маросими қурбонӣ ба ифтихори худоён, вуҷуди парастиши гов ё барзагов тибқи шаҳодати тасвирҳои зиёди барзаговҳо ва саҳнаҳои ҷанги барзагов. Парастишҳои тотемистӣ: асотир оид ба алоқаи авлодӣ бо мӯрча, мор ва худоёни антропоморфӣ. Маросимҳои касбӣ, соҳириҳои муззир ва табобатӣ, иттиҳодҳои мазҳабии маҳрамонаи соф мардона ва соф занона.Ташаккули анҷумани худоёни умумиюнонӣ бо сарварии худои худоён Зевс. Асотири юнонӣ дар бораи худоён: ***Гера, Посейдон, Афина, Артемида, Аполлон, Асклепий, Пан, Афродита, Арес, Гефест, Гестия, Гермес, Зевс***. Вазоифи худоён ва тарзи зиндагии онҳо. Тасаввуроти космологии асотирию динии юнониён. Устураи ***олиҳаи Замин-Гея ва осмон Уран*** ва писари ӯ ***Крони, зода шудан Зевс аз Крон ва Рея*** **(духтари Уран).** Нобудсозии Крон фарзандонашро ва чигунагии наҷоти Зевс. Қаҳрамонхудоён ***Прометей, Геракл.*** Тасаввуроти мазҳабии юнониён дар бораи ҳаёт ва марг ва ҳаёти пас аз маргӣ. Ташаккули шаҳрдавлатҳо ва хусусияти динҳои миллию давлатиро касб кардани дини юнониён. ***Таҳаммул надоштани динҳои давлатии юнонӣ ба ҳеҷ гуна озодфикрӣ.***. дар мисоли мурофиаи қазоии Сукрот ва қатли ӯ. Таносуб ва таъсири дин ба фалсафа дар Юнон. ***Пайдоиш илоҳиёти фалсафии тавҳидӣ бо вуҷуди бисёрхудоӣ будани дину мазҳаби юнониён.***

**Мавзӯи 8. Дини римиёни қадим (1 соат)**

***<u>Дини Римиёни Қадим:</u>*** Нимҷазирае дар ғарби нимҷазираи Балкан бо номи ***Апеннин*** ва кишваре, ки дар он ҷойгир

шудааст бо номи ***Итолиё.*** Пайдоиши шаҳри Рим ва қалъаи ***Капитолий***. Таърихи Рим номида шудани кулли кишвар

Идораи шоҳӣ ва сенат (шӯрои пиронсолон). Дохил шудани румиҳо ба Шом ва Осиёи Хурд (ҳудуди соли 200 т.м.) ва мавриди ҳуҷуми қабилаҳои ориёӣ селтҳо ва лотинҳо қарор гирифтани Рум. Бархурди лотинҳо дар асри VI қабл аз мелод бо муҳоҷимони ***атрусканҳо*** аз шимол ва ***юнониҳо*** аз ҷануб. Осори динҳои ибтидоӣ; анвои парастиш ва маросимҳо.*Се навъ парастиши румиён: оинҳои хонаводагӣ, саҳроӣ (кишоварзӣ) ва дину мазҳаби давлатӣ.* Боварифҳои ба арвоҳи киштӯ кори саҳроӣ: ***Сатурн***, ***Серес***, ***Конус ва арвоҳи хона ва хонавода Ҷонус, худои оташдон ва оташ Весто ва арвоҳи ҳофизу нигоҳбони анбори озуқа Пенотҳо***.

Ташрифоти хоси мазҳабии сохтори салтанатии Рум ва мақоми худоӣ гирифтани императорон.

Худоён ва олиҳаҳои маъруфи румӣ: *«Юпитер», «Юнона»; «Минерва», «Янус», «Марс»-«Весто», «Нептун»; «Вулкан», «Церера», «Меркурий», «Диана», «*Аполлон» ва вазифаи онҳо. Таъсири парастишҳои юнонӣ дар дину мазҳаби румӣ.

**Мавзӯи 9. Дину оинҳои бостонии эронӣ-ориёӣ (1 соат)**

Осиёи Миёна дар ҳазораи дувуми пеш аз мелод, ҳамчун сарзамини паҳновари таърихии халқҳои ориёӣ то оғози ҳиҷрати онҳо ба Шарқу Ғарбу Ҷануб. Давраи ташаккули умумияти сиёсию фарҳангии Эрони Бузург ва нақши халқҳои эронизабони Мовароуннаҳр: сакоиҳо, хоразмиҳо, суғдиён, тахориён, бохтариён, ҳайтолиён дар ин тамаддун.

Сарчашмаҳо ва манбаъҳои шинохти ақидаву парастишҳои халқҳои эронӣ қабл аз Зардушт ва пас аз он: сарчашмаҳои умумиориёӣ - *Ведҳо ва манобеи зардуштӣ: Авасто ва тафсирҳои он, Бундаҳишн, Додастони динак, Гузидаҳои «Зодаспарам», ривоятҳои паҳлавӣ, Минуи хирад, Ардавирофнома, Динкард, Баҳман Яшт, Пандномаи Зардушт. Шоҳномаи ҳаким Фирдавсӣ ва Шоҳномаҳои дигари манзуму мансур. Сарчашмаҳои юнонию румӣ: маълумотҳои таърихии Ҳеродот, Ксенофон, Фукидид, Плутарх, Жустин;* сарчашмаҳои таърихии исломӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ.

*Мазҳабу ойинҳои то зардуштия*: Шавоҳидҳо дар мавриди вуҷуди эътиқодҳои тотемистӣ; Меҳрпарастӣ (митраизм) дар Эрони бостон (ҳудуди 1400-1300 қ. а. м). Боварӣ ба Ашо (ё Арто) –ҳамчун мазҳари тартиб ва назм дар олам. Парастиши оташ (санскрит-агнӣ) ва шарбати мусаккар “сома» ё «хаома”. Хусусияти маросимҳои динии эрониёни қадим.

**Мавзӯи 10. Дини зардуштия. “Авесто” китоби муқаддаси зардуштиён. (1 соат)**

***Таърихи пайдоиш.*** Зуҳури Зардушт ва ихтилофи назар дар мавриди таърихи таваллуд (аз 1200 то 660 соли пеш аз мелод) ва маҳал (аз сарзамини Мод то Бохтару Хоразм). Ривояти дар бораи ҳузур ёфтани Зардушт дар боргоҳи Аҳурамаздо ва дарёфти рисолати паёмбарӣ. Оғози даъвати Зардушт ва муқовимати муғон (карпонҳо). Гаравидани шоҳ Виштосп ва интишори дини Зардуштия: ахбори «Шоҳнома». Кушта шудани Зардушт. Авасто ва таърихи нигориши он. Нусхаи давраи хахоманишҳо дар 21 наск. Ҳуҷуми Искандар ва сарнавишти баъдии Авесто. Сохтори Авесто: Ясно, Яштҳо, Виспарад, Вандидод ва Хурд Авасто ва мундариҷаи онҳо.

**Мавзӯи 11. Маросими зардуштия (1 соат)**

Усули таълимоти зардуштия: худошиносӣ- баҳси яктопарастӣ (тавҳидӣ) ё дутопарастӣ (санавӣ) будани таълимоти Зардушт, Ягонагии худо-Аҳуромаздо ва ёварони ӯ шаш «амшаспандон» (фариштагони рӯҳонӣ) ва рӯҳи муқаддас “Спантомаиниё ё спантоармайа”; Қувваи бадӣ- Аҳриман (Ангарамино) ва ёваронаш.

Таълимоти зардуштия дар бораи ҳастӣ: пайдоиши олам ва инсон: 12 ҳазор сол давраи кайҳонии зардуштия (офаридани олами мисол тавассути Аҳурамаздо дар 3 ҳазор соли аввал ва олами воқеӣ дар 3-ҳазор соли баъдӣ; 6-ҳазор сол умри олам), Нахуст инсон Гавумартан (Каюмарс) ва кушта шудани он ва аз нутфаи он рустани ду ҷуфт инсони аввал: Маши ва Машяна. Асли ҷаҳонбинии хушбинона(оптимисти)-и Зардушт –ғалабаи қатъии оини

Аҳурамаздоӣ бар Аҳриманӣ; некӣ бар бадӣ дар 3-ҳазор соли охири олам. Таҳаввули зардуштия ба санавият – дутопарастӣ. Санавият ҳамчун роҳи ҳалли вуҷуди хайр ва шарр, дар олам.

Ҳаёти пас аз марг (эсхаталогия)-и зардуштия ва таъсири он ба динҳои сомӣ.

Ашо –ростӣ дар таълимоти зардуштия. Таълимоти ахлоқии зардуштия: мақулаи ашо (ростӣ) ва дуруҷ (дуруғ). Панди сегонаи ахлоқии зардуштия: ***пиндори нек, гуфтори нек, ва кирдори нек*** ва фалсафаи он. **Маросими зардуштия .** Маросимҳои ибодат ва ниёиш ва идҳои зардуштия. Осори оташкадаҳои зардуштӣ дар Тоҷикистон. Таъсири бавосита ва бевоситаи дини зардуштй бо тамаддун ва динҳои ҷаҳонӣ. Зардуштиён имрӯз дар Ҳиндустон ва Эрон.

**Мавзӯи 12. Дини монавия (1 соат)**

Замони Монӣ (216-276 мелодӣ), салтанати Шопури I ва Баҳроми I. Саргузашти Монӣ: маҳалли таваллуд, навҷавонӣ ва оғози даъвии навоварӣ ва паёмбарӣ (25-солагӣ); қабули дини Монӣ аз тарафи Шопури I ва навишта шудани китоби «Шопургон»; фишори мӯъбадони зардуштӣ; фирори Монӣ аз Эронзамин ва баргашташ баъд аз бист сол ва кушта шудан бо амри Баҳроми I. Интишори монавия (манихейства) баъд аз сари Монӣ. Пайдо шудани осори монавия дар ш. Турфои Туркистони Чин. Осори Монӣ: «Шопуркон», «Оржанг», «Инҷил», «Ганҷинаи зиндагон», ки шомили аҳком аст, «Прагматиё ё китоби ҷомеъ», «Китоби розҳо», «Китоби девҳо»

Асли таълимоти динии Монӣ - ду нахустунсури олам: нур ва зулмат;. Олам натиҷаи муборизаи нур ва зулмат. Мафҳуми наҷот дар монавия. Панди сегонаи ахлоқии Зардушт дар тафсири монавия: макоми зӯҳду тарки дунё дар он. Интишори моновия берун аз марзи Эрон.

**Мавзӯи 13. Ҳаракати динӣ-иҷтимоии маздакия (1 соат)**

Охирин таълимоти динию фалсафии эрониёни қадим. Замони пайдоиш ва зиндагии Маздак (470-528) - асосгузори

маздакия. Достони Маздак ва шоҳ Қубод.Ҷаҳонбинии маздакия ва фарқи он аз монавия. Масъалаи муборизаи нур ва зулмат дар зардуштия, монавия ва маздакия. Фаъол будани нур дар фалсафаи Маздак барои раҳоӣ аз асорати зулмат. Се марҳалаи омезиши нур ва зулмат. Ҷаҳонбинии Маздак: Унсурҳои ҷаҳони моддӣ сифот ва қудрати илоҳӣ; ҳафт қудрати табиӣ, дувоздаҳ хосияти олами ҷондор.

Назарияи иҷтимоии Маздак: адолат, баробарӣ. Маздак - аввалин поягузори андешаҳои ҷомеаи ормонии иштирокӣ (сотсиализм). Таҳаввули маздакия аз таълимоти динию ахлоқӣ ба ҳаракати оммавӣ ва иҷтимоию сиёсӣ. Сабабҳои он иттиҳомҳое, ки нисбат ба Маздак дар сарчашмаҳо (аз ҷумла дар "Осор –ул-боқия"), "Сиёсатнома" – и Низомулмулк ва ғайра роҳ ёфтааст. Куштори фоҷеавии Маздак ва пайравонаш дар замони писари Қубод - Хисрави Анушервон.

**Мавзӯи 14. Динҳои қадими Ҳиндустон. Ведҳо- китобҳои муқаддаси ориёиёни Ҳинд. Дини браҳмания ( 1 соат)**

<u>**Ҳиндуияи қадима**</u>

Вуҷуди ду зинаи тамаддун: то ориёӣ ва ориёӣ. Тамаддуни ***Маҳенҷо Даро*** ва ***Ҳарапҳо***. Равшан набудани асли эътиқоду боварихои мардуми тооориёии Ҳиндустон. Ҳуҷуми ориёиҳо дар нимаи ҳазораи дувуми то мелод ба Ҳиндустон ва оғози асри ведоӣ. Сарчашмаҳои асосии дин ва фарҳанги Ҳиндустони қадим: *Ведҳо: Ригведа, Самаведа, Яҷурваведо, Атхарваведо;Рамаяна ва Маҳабҳарата.* **Упанишадҳо** - матнҳои тафсири Ведҳо. Дину эътиқодҳои давраи ведоӣ. Хусусияти политеизми давраи ведоӣ. <u>***Худоёни ведоӣ***</u> ва умумияти онҳо ба тасаввуроти дигар қавмҳои Ҳинду аврупоӣ. Худоёни асосии ҳиндуия: мафҳуми <u>***33 кота дева***</u> ва се худои маъруф тримурти: <u>*Браҳма, Шива ва Вишну (АУМ)*</u>. <u>Бараҳманизм:</u> Вуҷуди тақсимоти табақотию синфҳо - кастаҳо ва чаҳор кастаи маъруф: *бараҳманҳо, кшатриҳо, васишҳо, судра (ё шудра)-ҳо.* Боварӣ ба <u>***таносухи арвоҳ,***</u> замонати ҳифзи суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа. Мафҳумҳои <u>***карма***</u> ( қонуни амал) ва <u>***сансара***</u> (силсилаи таваллуд ва марг).

<u>*Ҳиндуия*</u> дар замони муосир: ислоҳот дар браҳмания: чор мақсад ва се тариқи ноил шудан ба наҷот: к*арма, арта,*

*дҳарма, мокша* ва се тариқ: *амал, илм ва ихлос*. Маросимҳои динии ҳиндуия: маросимҳои маъбадӣ-ибодатгоҳӣ-дуохонӣ ва хайрот; ва хонагӣ, зиёрати ҷойҳои муқаддас, аз ҷумла шаҳри муқаддаси Банорас ва ғусл дар рӯди Ганга;нақши рақсу мусиқӣ дар ибодат. Идҳои мазҳабӣ. Мазҳабҳои асосии ҳиндуияи муосир: ***Браҳмо-самаҷ, Ориё-самаҷ, Рам-Кришна*** .

**Мавзӯи 15. Динҳои ҷайния ва сикхия (1 соат)**

*Ҷайния мазҳаби риёзат.* Таърихи пайдоиши ҷайния ҳамчун дини мухолиф ба ҳиндуия. Зиндагиномаи шоҳзода Ҷнатапутта Вардаҳамана Маховира\ Ҷина\ (599-527 ё 540-468 п.м.): *тарки зиндагии дарборӣ, зану фарзанд дар бисту ҳаштсолагӣ, 12 сол риёзати ботинӣ, зӯҳду тақво ва ниҳоят дарёфти нури маърифат /кевален/ ва лақаби Ҷина/пирӯз/. 30-сол рисолати паёмбарӣ ва дар 72-солагӣ тарки ихтиёрии ин дунё аз роҳи гуруснагӣ.* Ҷайнизм ҳамчун аксуламал ба сохти каставӣ ва таълимоти бараҳмания. Нақши ҳоким Чандрагупта- асосгузори сулолаи Маурҳо дар интишори ҷайния. Сарчашма: ***«Трилокасара»***-и Нимочандра.

*Усули дини ҷайния*: ҳадаф - раҳоӣ аз азоби зиндагӣ ва марг, роҳи наҷот ва расидан ба камоли нафс ва мақсади олӣ-«***мокша***». Муҳимтарин фарқи ҷайния аз ҳиндуия ва динҳои дигар-бехудоӣ. Худо назди Маховира Ҷино нафсе мебошад, ки қаблан дар инсон буда ва аз асорати модда ва карма наҷот ёфта, вай холиқ нест ва дар умури олами моддӣ дахолат надорад. Боварӣ ба карма- қонуни амал ва ***«нирвана»*** - наҷоти нафс аз карма ва сурати моддӣ.

Аркони дин- се ганҷина (трипитака)-и ҷайнизм: имони дуруст, дониши дуруст, амали дуруст. Бе амали дуруст ду рукни аввал ҳеҷ аст.Амали дуруст: 1-наозурдани ҳеҷ ҷондоре (*аҳимсо*), 2- ростқавлӣ, гуфтори ҳаловатбахш, муфид ва рост, 3 – дуздӣ ва зино накардан, идора кардани ақл, гуфтор ва тан.

Ду равияи асоси «ҳавопӯшон» ва «сафедпӯшон» (мувофиқи талаботи равияи аввал роҳибон бояд ба бараҳнагӣ, тарки молу ҷоҳ ва танҳо аз ҳисоби садақаву хайрот зистан одат кунанд).

*Таълимотҳои фалсафӣ ва ахлоқии ҷайния*: ҳастӣ - маҷмӯи ҷавҳарҳои бешумори ҷондор ва беҷон (ҷива ва аҷива). Ҷавҳари зинда (ҷива): наботот, ҳайвонот, инсон, боду оташ.

Ҷавҳари ғайризинда (аҷива): фазо, вақт ва ҳаракат (дхарма) ва беҳаракатӣ (адхарма). Таълимоти ҷайния дар бораи нафс (рӯҳ) ва панҷ мартабаи он. Мартабаи олӣ (панҷум) хоси ҳайвоноти олӣ, инсон ва худоён.

*Мақоми ноҷиён* Маҳавира Ҷина - 24-умин паёмбари даври ҳозири кайҳонӣ ва 11 шогирди ӯ; боварӣ ба бисту се тан мунҷиёни башарӣ *"Тиртанкарас"*. Мақоми ҷайнизм дар фарҳанги Ҳиндустон, меъмории маъобиди ҷайниия- ансамбли маъбади Гуҷарат. Шумори пайравони ҷайния (5 млн. нафар.)

**Дини Сикхия**

Сикхия (сик- кал. санскрит, ба маънии *хонанда)* ҷавонтарин дини тавҳидии миллии ҳинду ориёӣ. Пайдоиш: шарҳи ҳоли ***Гуру Нанак (1469-1538 мелодӣ)-*** *зодгоҳ Панҷоби Хиндустон;* ривоят дар бораи гӯшанишинӣ ва ҳузури ӯ дар боргоҳи Худованд ва дарёфти амри илоҳӣ. Сафарҳо ва шиносоии ӯ бо динҳои маъруф: сафари ӯ ба Макка ва кӯшиши наздиксозии мусалмонону пайравони ҳиндуия.

Асли таълимоти сикхия: даъват ба худои ягона Ҳақ(қ) - дини тавҳидии омехта бо унсурҳои динҳои дигари Ҳиндустон; мавқеи таносух, карма, нирвана дар таъбири сикхия.

Нишонаҳои сикхия - панҷ К : *кес* - натарошидани мӯи сар ва риш, *кангха-* шона, *коч-* шалвори кӯтоҳ, *кара-* дастбанди оҳанӣ, *кандо* –ханҷар. Таърихи сиёсии сикхҳо.

**Мавзӯи 16. Буддоия *(буддизм)* (1 соат)**

*Буддоия дини ҷаҳонии* дар заминаи фарҳанги ҳинду ориёӣ ба вуҷуд омада. Пайдоиши он ҳамчун дини мухолиф ба ҳиндуия дар асри У1 қ .а.м.

Сарчашмаи ақидатии ин дин – китоби *«Трипитака» («се сабад ҳикмат»)*: *«Виная-питака», «Ситата-питака», «Абидхамма-питака».* Сарчашмаҳои тарҷумаи ҳолии Буддо: *«Махавасту», «Лалитавистара», «Буддхачарита», «Ашвагхоша», Нидганаката»* (асрҳои I-III м.).

Зиндагии Сиддҳарта Гаутама Шакямуна (623-544 ё 560-480 қ. м.): *таваллуд ва пешгӯии раммолон; зиндагии бо фароғат дар қаср ва мушоҳидаи се саҳнаи мудҳиш: касалӣ,*

*пирӣ ва марг. Тарки зиндагии дарборӣ дар 20-солагӣ (ё 29-солагӣ); 15 сол риёзати ботинӣ, зӯҳду тақво, ноумедӣ ва ниҳоят дарёфти нури ишроқи қалбии ҳақиқат ва мартабаи Буддо (мунавваршуда) дар макони Будҳа-Гая («Боғи ғазолон») дар ш. Банорас*; кашфи чаҳор ҳақиқат ва ба усули таълимот; вафоти Буддо.

*Таълимот ва асоси фалсафаи буддоия.* Вижагӣ - надоштани худо ва таълимоти худошиносӣ (чун дар ҷайнизм). Адами таълимоти хосе дар бораи нафс ва рӯҳ. Асоси таълимоти Буддо: **се гавҳари муқаддас** :*Буддо-(боварӣ ва қабули таълимоти Буддо), Дхарма (итоат аз конуни маънавию ахлоқӣ ва кайҳонӣ), Сангха(эҳтирому ёрӣ ба роҳибон)***.** *"Мавъизаи боғи ғазолон" оид ба* **чаҳор ҳақиқат**: *1. зиндагӣ ранҷу азоб аст, 2-иллати ранҷу азоб хостҳои нафс; 3-тариқи раҳоӣ аз азоб - маҳор кардани нафс; 4 - роҳи маҳор кардан-оростани нафс бо ахлоқу корҳои нек аз тариқи пайвастан ба ҳашт равиши неку муқаддас: пиндор ё имони солеҳ (нек), нияти солеҳ(нек), гуфтори солеҳ(нек), фаъолият ё рафтори солеҳ(нек), машғулият ё кори солеҳ(нек), саъю кӯшиши солеҳ(нек), тафаккури солеҳ(нек) ва муроқиба ё худидоракунии солеҳ(нек):* муҳаррамоти буддоӣ: тариқи расидан ба "нирвана". Фирқаҳои буддизм: *Тхеравада(Ҳинаяна)- роҳи пирон-(чархи хурд),Маҳаяна-чархи калон: Чан|Дзен, фирқаҳои жопунӣ ва Ламаизм*. Паҳншавии буддизм берун аз хоки Ҳиндустон, нақши подшоҳ Ашоко (ё Ашуко) дар ҷаҳонӣ гардидани буддизм. Буддизм дар Осиёи ҷанубу-шарқӣ: Чин, Япония, Корея, Шриланка, Ветнам, Тибет ва ғ-ра интишор ёфтааст.

*Ламаизм дар Тибет ( асри VII*). Вуруди шохаи ламаизми буддоия ба Чин; собиқаи дини Бон (яке аз шохаҳои динҳои эронӣ) дар Тибет; хусусияти ламаизм ва нақшу мақоми сарвари ин дин ( *Далай-лама)* то с.1959; Вазъи ин шохаи буддоия дар замони муосир.

**Мавзӯи 17.** ***ДИНҲО ДАР ЧИН*** **(1 соат)**

***Хусусияти тамаддуни чинӣ*** ва инъикоси он дар афкори динӣ-фалсафии ин кишвар. Давраи Шан-Ин; парастиши бисёрхудоӣ ва арвоҳи гузаштагон, боварӣ ба афсунгарию фолбинӣ. Парастишҳои давраи сулолаи Чжоу. Парастиши Худои Осмон "Шанди" –ҳамчун Худои Таоло ва ҳам нахустаҷдоди одамиён. Парастиши арвоҳи ниёгон. Фалсафаи доираи***«Ян ва Ин »***- ду асли воҳид: «Ян» - асли мардонаи сафед бо нуқтаи сиёҳ дар мобайн ва «Ин» - асли занонаи сиёҳ бо нуқтаи сафед дар мобайн.

**Назарияи Дао ё д*аосизм (таосизм)*** ҳамчун дин ва системаи фалсафӣ. Шахсияти Лао Тси (наздик ба 604 қабл аз мелод). Таваллуд дар иёлати Чу, расидан ба мартабаи хазинадори санадҳои давлатӣ ва тарки он ва гӯшанишинӣ, ҳиҷрат аз Ватан.

Осори ӯ китоби «Дао-де-тзин».

Даосизм дини бисёрхудоии омехта (эклектикӣ». Таълимоти динию фалсафаи Лао – Тси. *Дао- моҳият, ҳақиқат, асли ниҳоии ҳастӣ. Дао миси Браҳма қонуни куллии ҳастӣ, ҷони ҷаҳон, ҳама аз ӯ ва ҳама ба сӯи ӯ бармегардад. Дао-ғайби мутлақ:диданашаванда, шуниданашаванда, дастнорас ба ҳеҷ ҳиссе аз эҳсосоти инсон; азалӣ, бениҳоят, бе ному нишон; вале ба ҳама ибтидо ва ному нишон мебахшад.*

Ҳикматҳои Лао Тси.Таҳаввули даосия аз таълимоти фалсафӣ ба дин дар тули чаҳор аср (аз соли 206 т.м. то221 м.) Иқдоми императори сулолаи дувуми Ҳван дар соли 165 барои расмият додани дини даосизм. Шабоҳати таълимоти онтологӣ –ҳастишиносӣ ва космологӣ- кайҳоншиносии даосизм дар устураи нахустинсон Пан-Ку бо устураи Каюмарс дар зардуштия. Пайдоиши анҷумани худоён ва силсиламаротиби рӯҳонияти даосизм.

***Конфутсия ҳамчун дин***. Саргузашти ҳаким, сиёсатмадор Конфутсий (551-479 п.м.).Чиу (Конфутсий)дар вилояти Лу, дар оилаи Кунг фармондори ноҳияи Тсов. Ятим дар се солагӣ, дар тарбияи модар, камбизоатӣ толибилмӣ ва кор аз 17-солагӣ, ташкили мактаби худ дар 22-солагӣ, марги модари меҳрубон ва 27 моҳ (се соли чинӣ) азодорӣ ва ғуссахорӣ барои модар. Расидан ба мақоми девондорӣ дар 50-солагӣ, тарки он ва тарки ватан муддати 13 сол. Фаъолиятҳои сиёсӣ ва

таълимии Кунфутсий (Кунг-футзе, яъне Кунги файласуф).Кӯшиши амалӣ сохтани нақшаҳои сиёсиаш аз тариқи ҳокимон. Ниҳоят пазироии хуби ҳокими Лу ва баргашт ба Ватан ва тадвини осори таълимӣ ва динию фалсафӣ.

Осори Конфутсий: ***<u>«Панҷкитоб- У-тзин»</u>*** ва ***<u>«Чаҳоркитоб-Сушӯ»</u>*** ва доираи мавзӯъҳои онҳо. Ҳаводиси сиёсӣ ва сарнавишти осор ва пайравони Конфутсий, алалхусус дар замони хоқони саросари Чин Дук Чинг бунёдгузори девори Чин ва амри ӯ дар бораи сӯзондани осори Конфутси с. 213 п.м., нодиртарин ҳодисаи китобсӯзӣ ва куштори (400 тан) уламову фузалои конфутсия дар Чин. Бархурди конфутсия бо дини буддоия ва заъфияти он дар ин бархурд. Конфутсия - дини давлатӣ (охири а.2 қ. а.м.). Бузургдошти Конфутсий ва дини ӯ дар замони подшоҳ Кону Тсу ва оғози қурбонӣ ба шарафи ӯ аз с.195 п.м. тавассути ӯ.

***<u>Таълимоти Конфутсий.</u>*** Усулҳои ахлоқии Конфутсий иборат аз: *<u>орӣ будан аз иддаои ваҳйи илоҳӣ будан; набудани таълимоти метафизикӣ –он сӯи табиат (мовароут-табии ва мобаъдут-табиат); асос доштан бар усули ахлоқ, сиёсати маданӣ ва тарбияи инсони комил.</u>* Вуҷуд надоштани навоварӣ дар худошиносӣ. Пайравӣ аз таълимотҳои динии пешинаи Чин ва мавқеи маркazии худои «Осмон» («Тян») дар конфутсия. Панҷ усули ахлоқии Ли: робитаи султон бо раият; падар ва фарзанд; шавҳар бо зан; бародари бузург бо бародари хурд; дӯстон бо дӯстон.

**Мавзӯи 18. Динҳои сомӣ. Дини яҳудия (1 соат)**

<u>Дину оинҳои қадимаи сомӣ.</u> Тамаддуни сомӣ (маҷмӯи тамаддунҳои бобулӣ, сомирӣ, аккодӣ, осуриёӣ ё сириёӣ, яҳудӣ ва арабӣ), хусусият ва мақоми он дар тамаддуни ҷаҳонӣ. Хусусияти умумии адёни қадимаи сомӣ - тавҳидӣ ва иҷтимоӣ будан.

*<u>Сарчашмаҳои Яҳудия</u>*: ***<u>Танах</u>*, иборат аз «Таврот», («Панҷкитоби Мӯсо»); китобҳои шоҳон ва паёмбарон (Невиим ва Хетувим); тафсирҳои Таврот (Мишна) вашарҳу тафсирҳои он (Гемара)–Талмуд; таърихи Иосиф Фалавий.

Кӯчбандии Иброҳим аз ш. Ури Бобил ҳудуди с.1700 п.м. Таърихи паёмбарони то Мӯсо. Зиндагиномаи Мӯсо ибн Имрон тибқи сарчашмаҳои яҳудӣ. Қиссаи Мӯсо дар Миср. Мӯсо дар Мидян ва дарёфти рисолати паёмбарӣ. Мунозираи Мӯсо бо Фиръавни Миср. Кӯчбандии яҳудиён аз Миср. Ташаккулёбии давлати яҳудиён тавассути Сулаймон ва Довуд ва бунёди маъбади Иерусалим. Асорати Бобул (597 қ.а.м.). Фатҳи Бобил аз тарафи Куруши Кабир ва озод гардидани яҳудиён аз асорат (ҳудуди 526 п.м.). Мақоми Куруши Кабир дар Танах (Аҳди қадим). Таъсири зардуштия ба дини яҳудия. Фирқаҳои яҳудия баъд аз асорат: садуқиён, форисиён.

*Таълимоти яҳудия.* Энотеизми яҳудия - Яҳво ягона худои қабилавӣ - миллӣ ва таҳаввули он ба монотеизм - Худои ягонаи ҷаҳонӣ. Яҳво худои миллӣ ва баргузидагии бани Исроил-яҳудиён. Таврот (китоби «Ҳастӣ») дар бораи пайдоиши ҳастӣ. Офарида шудани Одам ва Ҳаво. Инсон дар боғи Ирам ва сабаби ронда шудан аз он. Дунёгароии яҳудиён, вуҷуд надоштани боварӣ ба зиндагии охират ва маод дар Таврот ва сабаби пайдоиши баъдии он дар ин дин. Даҳ аҳкоми ахлоқии Таврот*: бут натарошидан, номи Худоро беҳуда ба забон нагирифтан, муқаддас шуморидани рӯзи шанбе, волидайнро эҳтиром кардан, одам накуштан, зино накардан, дуздӣ накардан, шаҳодати дуруғ надодан, ҳасад наварзидан, моли дигаронро тамаъ накардан.*

Вазъияти яҳудиён дар давраи салтанати римиён; интизори зуҳури Масеҳ. Пайдоиши фирқаҳои зелутҳо ва ессенҳо; Ессенҳо чун нахуст фирқаи масеҳияти ибтидоӣ, ки тибқи таълимоти он Худо “фарзанди нур” аст. Маросим ва идҳои яҳудия: ***иди фисҳ, иди фатир, иди садор, иди тобеъуст, иди камис***. Яҳудия дар асри ҷадид: ортодоксҳо, реформаторон, консерваторон, ҳадисиён ва сайҳунизм.

**Мавзӯи 19. Дини насронӣ (масеҳӣ ё христианӣ) (1 соат)**

Пайдоиш, интишор ва ба дини ҷаҳонӣ табдил ёфтани насронӣ чун яке аз фирқаҳои дини яҳудия. Шароити иҷтимоӣ-сиёсии Фаластин ва Яҳудия дар охири садаи яки пеш аз мелод.Шӯришҳои ғуломон ва шикасти онҳо дар Империяи

Рим ва таъсири он ба пайдоиши дини насронӣ. Ривоёти вилодати Исои Масеҳ, зиндагӣ ва маслуб шудани ӯ.

Сарчашмаҳои масеҳият: *чор инҷили Исо,"Аналҳо"-и Тасит; осори Светоний, Сельс, Иосиф Фаловӣ; Талмуд, дастхатҳои Кумран, Инҷили Фома.* Шароити пайдоиши дини насронӣ. Тақсимоти сиёсии Фаластин дар замони Исои Масеҳ: авзои кишвари Ҷалил. Зиндагонӣ ва рисолати Масеҳ: таваллуд ва давраи ҷавонии Исо. Ғусли таъмид ва оғози баъсат-таблиғу даъват, шиканҷа ва ба салиб овехта шудани Исо.

## Мавзӯи 20. Таълимот ва китобҳои муқаддаси дини насронӣ (1 соат)

***Таълимоти масеҳӣ*** дар бораи Худо: Асли ваҳдати се иқнумият(зоҳиршавӣ)-Худопадар, Худописар ва Рӯҳул-қудс; Худопадар барои раҳоии инсоният аз нахустгуноҳ, ягона писари Худ-Исои Масеҳро, ки Рӯҳулқудс аст, ба сурати инсон ба ин дунё мефиристад. Исои Масеҳ, ки ҳам Худо ва ҳам инсон, мисли инсон зиста, ҳама эҳсосу хосиятҳои инсониро доштан. Ӯ чун инсон дар салиб ҷон дод, вале азбаски чун Худо буд аз нав зинда шуд ва ба асли худ, назди Падар бозгашт. Ҳар кас ба Исои Масеҳ бовар мекунад, таваллуди дубора меёбад. Фаҳмиши камоли муҳаббати Худованд ба инсон, ки барои вай дар салиб ҷон дод. Дар ин таълимот ҷудоӣ байни инсону Худо ба хамин тариқ бартараф шудан. Таълимот дар бораи навиштаҷоти муқаддас; таълимот дар бораи инсон ва дар бораи пок намудани гуноҳон ва наҷот; таълимот дар бораи калисо: калисо - тани Исо, салтанати илоҳӣ дар рӯйи замин аст. Асли таълимоти ахлоқии масеҳият: ғалаба бар бадӣ аз тариқи муҳаббат.

## Мавзӯи 21. Пайдоиши равия ва шохаҳои дини насронӣ ( 2 соат)

***Таҳаввули насрония***: таҳаввул дар илоҳиёт ва шариат, даст кашидан аз маросимҳои хоси яҳудӣ. Нақши расулон (апостол) Петр ва Павел дар интишори дини насронӣ берун аз

сарзамини яҳуд. Калисои қадим. Таъқиб ва азияти масеҳиён дар империяи Рим. Дини давлатӣ эълон карда шудани насроният аз тарафи император Константин (с. 324). Оғози ихтилофот (395) байни калисоҳо: ҷ*удо шудани калисоҳои худмухтор*и ш*арқӣ (Константинопол, Искандария, Ирусалим, Антокия) ва ғарбӣ(бо маркази ягона дар ш.Рим, имрӯз давлати-Ватикан).*Таҳаввули тасаввуроти масеҳиёни шарқӣ дар мавриди шахсияти Исо. Таълимоти *Ариёнҳо, Апулинарҳо, Монофизитҳо, Насториҳо ва Иконоборҳо,* Шӯрои Халқидон ва қабули усули куллии дини насронӣ. Расман ҷудо шудани дини насронӣ (соли 1054) ба ду равия: ***католикӣ ва православӣ***. Хусусият ва ихтилофоти ин ду равия. Пайдоиши ҳаракати реформатсия (асри XVI) ва ташаккул ёфтани равияи ***протестантӣ.*** Тафовути протестантҳо аз католикҳо ва православҳо. Фирқаҳои протестантии насронӣ: баптистҳо, панҷоҳрӯзагон, калвинистҳо, лютеранҳо, шоҳидони Яҳво. ***Маросимҳои мазҳабӣ ва ибодатии насронӣ***: ғусли таъмид (крешение), тадҳин, ашои раббонӣ, тавбаву иқрор, тақдис, никоҳ, санавбарсӯзӣ. Рӯҳоният, ирфон ва зуҳд дар дини насронӣ; дайрнишинии мардон ва занон. Фалсафаи дини насронӣ; таълимоти Августин ва Фомаи Аквинӣ, томизм ва неотомизм. Нақшу мақоми калисои насронӣ дар сиёсат ва сохтори давлатии кишварҳои Аврупову Амрико.

**Мавзӯи 22. Дини ислом. Вазъияти иҷтимоӣ-фарҳангии нимҷазираи Арабистон дар арафаи пайдоиши ислом (1 соат)**

Сарчашмаҳои таърихи ислом:*Қуръон ва Суннат; сиратҳо- «Сирати Ибн Исҳоқ ва Ибни Ҳишом», ҷангномаҳо- «Китобул-мағози»-и Вақидӣ, «Табақот»-и Ибн Саъд, «Китобул-маориф»-и Ибн Қутайба, «Китобул-ахбор ат-тивал»-и Диноварӣ ва таърихномаҳои Яъқубӣ, Табарӣ, Балозурӣ ва Ибн Асир.*

Шароити таърихии иҷтимоию сиёсии минтақа дар арафаи пайдоиши ислом. Эҳсоси ниёзмандӣ ба ислом натанҳо дар Ҷазиратул- Араб, балки берун аз он: Эрон, Византия ва ғ-ра. Шароити ҷуғрофӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва маънавии Арабистон (Ҷазиратул-Араб) қабл аз ислом. Қабилаи қурайш, бунёди

Макка. Фарҳанг ва парастишҳои арабҳо то ислом дар давраи “ҷоҳилия”. Хусусияти бисёрхудоӣ дар Арабистон. Бутҳои маъруф, ки дар Қуръон номи онҳо омадааст. Тибқи маълумот дар “Хонаи Худо”- Каъба 360 бутҳои худоёни асосии аъроб, аз ҷумла: *Лот, Манот, Уззо, Наъила, Зулхалоса, Суво, Яғус, Яуқ* ва ғайра гузошта шуда буд. Мавқеи динҳои яҳудия, насрония ва зардуштия дар Арабистон.

**Мавзӯи 23. Пайдоиши дини ислом ва густариши он дар нимҷазираи Арабистон (2 соат)**

Зиндагиномаи Муҳаммад пайғамбар; шаҷараи ӯ аз қабилаи қурайш авлоди Бани Ҳошим. Ривоятҳо дар бораи бобо-падарбузурги Паёмбар Абдулмуталлиб. Ривоёт дар бораи издивоҷи Абдулло ва таваллуди Муҳаммад /12-*Рабеъул-аввали* с.570/; даврони кӯдакӣ ва навҷавонӣ. Издивоҷ дар 25-солагӣ ва 15 сол сукут. Оғози нубувват (с.610). Мухолифати аристократия сармоядорони Макка. Таъқибу азияти мусалмонон. Ҳиҷрати мусалмонон ба Ҳабашия. Ҳиҷрат ба шаҳри Ясриб – Мадинатуннабӣ (622). Паймон ба аҳолии Ясриб. Оғози ғазоват. Ҷангҳои асосӣ бо мухолифони ислом: ҷанги *Бадр, Уҳуд, Хандак, фатҳи Макка, Таъиф* ва ғайра. Ҳаҷҷи видоъ ва вафоти паёмбар (632).

Шахсияти паёбар: одоб ва сулуки зиндагӣ, занон (Хадича, Оиша, Савдо, Мория, Ҳафса, Уммул Ҳабиба, Уммус Салма, Зайнаб бинти Ҷаҳш, Зайнаб бинти Хазима, Маймуна, Ҷувайрия, Сафия). Сабаби бисёрзании паёмбар. Фарзандони паёмбар: писарон: Қосим ва Абдулло (Тайиб ва Тоҳир), Иброҳим, духтарон: Зайнаб, Фотима, Уммул Қулсум, Руқия. Наберахо аз Фотима: Ҳасан ва Ҳусейн. Муносибати паёмбар бо занон ва соири мусулмонон.

**Мавзӯи 24. Паҳншавии ислом берун аз Арабистон (1 соат)**

Ихтилофоти сиёсӣ дар садри ислом ва аввалин рахна дар ваҳдати муслимин. Заминаи пайдоиши шиъа ва суннӣ. Хилофати хулафои рошидин: Абӯбакри Сиддиқ (632-634) ва ҷангҳои раддия; хилофати Умари Форуқ (634-644) ва

забткориҳои араб- забти Шому Миср ва сарзаминҳои Византия, оғози забти сарзамини Эрон; хилофати Усмони Аффон (644-656 ва идомаи забткориҳои араб; хилофати Алӣ Ибн Абутолиб (656-661) ва ихтилофоту ҳаводиси сиёсии замони ӯ. Хилофати Муъовия ва оғози хилофати уммавиён 661 -750. Хилофати аббосиён (749-50- 1258) ва нақши эрониён дар ба сари тахт омадани онҳо.

**Мавзӯи 25. Истилои Осиёи Миёна ва паҳншавии ислом дар ин минтақа<u>(644-739)</u> (1 соат)**

Вазъияти сиёсию маънавии Осиёи Миёна қабл аз истилои араб. Парокандагии сиёсӣ. Инқирозҳои маънавӣ, бо бутпарастӣ омехта шудани зардуштия. Хавфи насронишавӣ ва буддоишавии мардуми Осиёи Миёна. Оғози истилои Осиёи Миёна. Истилои пурраи Эрон (644-652). Тохтутозҳои марҳилаи аввал (652-704). Оғози марҳилаи дуюм бо сарварии сарлашкари араб Қутайба ибн Муслим (705-714). Марҳилаи сеюм (720-739), давраи пахши шӯришҳо ва забти манотиқи алоҳидаи Осиёи Миёна. Маъракаҳои муборизаву муқовимати ватандӯстонаи мардум ва шӯришҳои асосии зидди арабӣ.

Шароити қабули ислом дар Осиёи Миёна ва роҳҳои ҷорӣ гардидани ислом. Муносибати аъроб ба мусалмонон ва пайравони динҳои дигар: ҷизя ва хироҷи сарона. Ҳолати умумии қабули ислом то ташаккулёбии давлатҳои маҳаллии соҳибистиқлол. Нақши тоҳириёну сомониён дар исломишавии саросарии Осиёи Миёна ва муносибати онҳо бо пайравони динҳои қадимаи эрониён.

**Мавзӯи 26. Қуръон, Суннат ва Ҳадис ҳамчун *сарчашмаҳои асосии ислом* (1 соат)**

*<u>Сарчашмаҳои ислом</u>*: ***<u>Қуръон ва суннат</u>***. Қуръон ва ваҳйи Илоҳӣ; арзёбии он чун яке аз шоҳасарҳои тамаддуни башар: сарчашмаи таърихӣ, динӣ, адабӣ, забонии фарҳангӣ. Номҳои Қуръон: Қуръон, Фурқон, ал-Китоб, Уммул-Китоб, Мусҳаф, Каломи Шариф. Таърихи гирдоварии Қуръон. Аввалин нусхаи Қуръон - «Суҳуф»- и Зайд ибн Собит; нусхаҳои Убайа

ибн Каъб, Абдулло ибн Масъуд, Абумӯсо Абдулло Ашъарӣ, Миқдод ибни Асвад ва охирин тадвини Қуръони маҷид дар давраи хилофати Усмон- тавассути Зайд ибн Собит. Забон, услуб, сохтор ва аҳамияти таърихии Куръон дар тамаддуни умумибашарӣ ва исломӣ. Аҳамияти Қуръон дар рушду ривоҷи илмҳои гуманитарӣ аз ҷумла илмҳои қуръонӣ: илми *тафсир, илми таъвил, илми қироат, илми таҷвид,илми насху мансух; илми ҳадис.*

*<u>Суннат дувумин сарчашмаҳои асосии ислом</u>*: Таърифи суннат ва ҷойгоҳи гуфтору рафтору кирдори Паёмбари ислом.***<u>Илми ҳадис</u>***. Ҷойгоҳи ҳадис (нақли саҳобагон аз гуфтор ва рафтор)-и Паёмбар дар фарҳанги исломӣ. Сабаби пайдоиши илми ҳадис. Ҳадисҳои «саҳеҳ», «заиф» ва «ҷаълӣ» (бофта). Шарту шароити саҳеҳияти ҳадисҳо. Илми риҷоли ҳадис. Муфассирони шиш маҷмӯи аҳодиси саҳеҳ: *Муҳаммад Исмоил Ҷаъфар-ал-Бухороӣ(810-870) мураттиби «Саҳеҳи Бухорӣ», Имом Абӯ ал-Ҳасан Муслим Нишопурӣ(817-875)мураттиби* "Саҳеҳи Муслим" ё ("ал- Ҷамеъул-Саҳеҳ"), *Абӯ Довуд Сиистонӣ (817-889) мураттиби* "Суннани Абӯ Довуд", *Ибни Моҷа Қазвинӣ, мураттиби* "Сунани ибн Моҷа", *Ҳофиз Абӯисо Муҳаммад Заҳҳок Тирмизӣ(208-279ҳ.қ.),мураттиби* "Ҷомеъи Тирмизӣ", *Абӯабдураҳмон ибни Алӣ Насоӣ(ваф.303 ҳ.қ.)мураттиби,* "Сунани Насоӣ».

**Мавзӯи 27. Шоха ва мазҳабҳои таърихии дини ислом (1 соат)**

Ихтилофҳои дохилӣ дар садри ислом ва тақсими ислом ба ду равияи асосӣ: шиъа ва суннӣ. Фирқаҳои шиъа ва суннӣ. Сабаби пайдоиши равия ва мазҳабҳои гуногун дар ислом. Мазҳабҳои фиқҳии аҳли суннат ва ҷамоат: мазҳаби ҳанафӣ, мазҳаби шофеъӣ, мазҳаби ҳанбалӣ ва мазҳаби моликӣ; масоили шаръӣ ва ҳуқуқӣ дар онҳо. Мазҳабҳои аҳли шиа: исноашария, зайдия, ҷаъфария, исмоилия ва ғайраҳо. Аҳамият ва зарурати тарбияи таҳаммулгароӣ дар байни ин фирқаҳо барои замони муосир. Пайравони шохаи исмоилия дар Тоҷикистон ва таҷрибаи муносибати мусолиматомези ин фирқа бо мазҳаби ҳанафии аҳли суннат.

Мактабҳои дигари динию фалсафӣ дар ислом: калом (и*лми калом)* ва шохаҳои он: *ҷабария, қадария, мӯътазила,ашъария; мактаби динию фалсафии тасаввуф ва ирфон,* ф*аласафаи машшоия* ва ғайраҳо.

**Мавзӯи 28. Исломи муосир ва вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои исломӣ (2 соат)**

Ислом дар ҷаҳони имрӯза ва дар муборизаҳои сиёсӣ – иҷтимоии замони муосир. Вазъи иқтисодӣ ва геополитикии кишварҳои исломӣ; ташкилотҳои исломии ҷаҳони муосир; ҳизбу ташкилотҳои асосии исломии минтақа; хатари сиёсишавии дин барои кишварҳои исломӣ; ҳаракатҳо ва фирқаҳои ҷадиди мазҳабию динии исломӣ, ки хусусияти ифротӣ ва тундгароӣ доранд, аз қабили ваҳҳобия, Ҳизби таҳрир, равияи салафия, Ихвонулмуслимин, ташкилоти Давлати исломии Ироқу Шом, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, ҷамоати Таблиғ, Ансор-ул-лоҳ ва ғайраҳо; хатар ва таҳдиди онҳо ба муҳити динӣ ва иҷтимоии кишвари мо, дар Тоҷикистон бо қарори Суди Олӣ ҳамчун ҳаракатҳои экстремистиву ифротӣ дониста шуда, манъ будани фаъолияти онҳо.

**Мавзӯи 29. Пайдоиш ва ташаккули динҳои ғайрисуннатӣ дар замони муосир (1 соат)**

Тағйирот дар шуури динӣ ва мазҳабӣ аз нимаи дуюми асри XIX-XX дар ҷаҳон ва зуҳури чандин динҳои ба истилоҳ ғайрисуннатӣ. Хусусият ва навъҳои динҳои ғайрисуннатӣ.

Пайдоиши динҳои нави заминаи шарқидошта, чун: «Дини баҳоия», «Ҷамъияти Шуури Кришна», «Маркази дзен-буддизми уқёнуси оромӣ», «Рисолати Нури Илоҳӣ»-и Махарат Джи, «Медитатсияи мовароуттабиӣ» ва ғайра.

Зуҳури созмонҳои мазҳабии навмасеҳӣ - Маҷмаи калисои «Фарзандони Худо», «Калисои тани Масеҳо» ва равияву мазҳабҳои илмшиносӣ-саентологӣ - чун «Калисои саентологӣ», «динҳои кайҳонӣ», аз қабили «Ҷамъияти Аэтариус»,

Магия - сеҳру ҷоду ва рӯҳгароии нав, дар баробари соҳирию коҳинӣ, фолбинӣ ва шаманизми кӯҳна, шайтонпарастон (сатанизм), гурӯҳҳои мазҳабие, ки бадиву шарро ситоиш ва пайвастан бо шайтону девро тарғиб мекунанд

Таърих ва омили пайдоиши Дини баҳоия (баҳоизм) ва Ҷамъияти байналмиллалии Шуури Кришна (Харе Кришна) ва асосгузори он Шри Шримад Абхай Чаран Де (1896- 1977).

**Мавзӯи 30. Дин ва муносибатҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият (2 соат)**

Вазъи дин ва озодиҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият; ҳуқуқҳои динии эътиқодмандон дар Сарқонун ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; фаҳмиши дурусти дунявият дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; моҳияти қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” тафовути озодии виҷдон аз бединӣ ё атеистӣ будани сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон; раванди амалишавии озодии виҷдон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; зарурати ҳурмату эҳтиром ба озодии виҷдон ва эътиқодҳои мазҳабии дигар инсонҳо дар ҷомеаи мо; Тафовутҳои асосии модели дунявият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи Шуравӣ хусусият ва бартарияти принсипи дунявият барои давлати миллӣ; ташкилотҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳимоя аз арзишҳои ахлоқии исломӣ ва бо ислом омезиш надодани амалҳои террористию экстремистии гуруҳҳои ифротӣ; зарурати тарбияи таҳаммулпарварии динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи мо.

# АДАБИЁТ БАРОИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА


1- Авасто / Тарҷумаи Ҷалили Дӯстхоҳ. –Душанбе, 2003
2- Библия: Навиштаи Муқаддас: Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид. –Стокгольм, 1992.
3- Қуръон /Тарҷумаи тоҷикӣ. –Душанбе, 2008.
4- Эмомалӣ Раҳмон. Дар бораи дин. – Душанбе, 2006, 2013
5- Энциклопедияи Советии Тоҷик . Ҷ.1-8.
6- Шерзот Абдуллозода (Абдуллоев). Асосҳои диншиносӣ. Душанбе: «Дониш», 2001. 2014,
7- Шерзот Абдуллозода (Абдуллоев).Муқаддима ба исломшиносӣ. –Душанбе: «Ирфон» 1998.
8- Ш. Абдуллозода (Абдуллоев). Маърифати ислом (Исломшиносӣ). Душанбе. 2015.
9- Сомона (сайти)-и Ш. Абдуллозода (Абдуллоев)- **DINSHINOSI.RU**
10- Таърихи динҳо. Душанбе: «Дониш», 2014.
11- Комилов Р. Таърихи дин.